**Қисми 1: Ҳар як савол 0, 9 бал баҳо дода мешавад.**

**1.** Ҷумлаҳое, ки дар онҳо танҳо яке аз сараъзоҳои ҷумла иштирок мекунанд, чӣ ном доранд?
A) Ҷумлаи хуллас B) Ҷумлаи яктаркиба C) Ҷумлаи таркибӣ D) Ҷумлаи дутаркиба

**2.** Аз ҷумлаи зерин ҳолро муайян кунед. "Дар майдон навои дилкаш садо медиҳад"
A) Дар майдон B) Садо медиҳад C) Навои дилкаш D) Медиҳад

**3.** Пайвандакҳои пайвасткунандаро муайян кунед.
A) аммо, вале, лекин, ва B) зеро ки, ҳоло ки, ва
C) ки, чунки, чаро ки D) ва, -у, -ю, ҳангоме ки

**4.** Сифатҳои нисбиро муайян кунед.
A) хурд B) калон C) духтарона D) калонтарин

**5.** Исмҳое, ки предметҳои ҷисмдорро ифода мекунад, чӣ гуна исм аст?
A) Исми зот B) Исми маънӣ C) Исми ҷомеъ D) Исми шахс

**6.** Кадоме аз ин нависандагон дар синни 26 солагӣ барои асари "Соли таваллудам" сазовори лаурети мукофоти давлатӣ шудааст?
A) Чингиз Айтматов B) Расул Ғамзатов
C) Адаш Истад D) Фазлиддин Муҳаммадиев

**7.** Дар кадоме аз ин асарҳо дар бораи мунозираи дарахт бо буз маълумот медиҳад?
A) "Ёдгории Зарирон" B) "Дарахти Ассурик"
C) "Самаки айёр" D) "Ҳазору як шаб"

**8.** Кадоме аз ин асарҳо бо амри вазири донишанди Сомониён Абулфазли Балъами аз арабӣ ба форсӣ тарҷима шудааст?
A) "Ҳазору як шаб" B) "Самаки айёр"
C) "Калила ва Димна" D) "Чор дарвеш"

**9.** Ҳиссачаҳо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешаванд ва кадомҳо?
A) Ду хел: содда ва таркибӣ B) 2 хел: содда ва мураккаб
C) 3 хел: содда, сохта ва мураккаб D) 4 хел: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.

**10.** Ибораи ҷонишиниро муайян кунед.
A) доимо ғамгин B) яке аз муаллимон
C) бо дӯстон омадан D) кадоми шумо

**Қисми 2: Ҳар як савол 1,5 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**11.** Кадоме аз инҳо қаҳрамонҳои достонҳои "Шоҳнома"и Фирдавсианд?
A) Рустам, Сӯҳроб, Хаҷир, Жандаразм B) Хаҷир, Сӯҳроб, Иброҳим
C) Хаҷир, Таҳмина, Деви сафед, Эраҷ D) Гурдофарид, Лайлӣ, Хусрав

**12.** Маснавиҳои "Саодатнома", "Рӯшноинома" "Ваҷҳи дин" ба қалами кӣ мансуб аст?
A) Низомӣ B) Амир Хусравӣ Деҳлавӣ
C) Сайидои Насафӣ D) Носири Хусрав

**13.** Кадоме аз ин шоирон соли 1401 дар шаҳри Табрез вафот мекунад?



DEPARTAMENT

A) Камоли Хуҷандӣ B) Шамси Табрезӣ
C) Носири Хусрав D) Убайди Зоконӣ

**14.** Муаллифи рубоии зеринро муайн кунед.
Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо захр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.
A) Хайём B) Ҳилолӣ C) Ҷомӣ D) Сино

**15.** Девони якуми ғазалиёти Ҷомӣ чӣ ном дорад?
A) “Хотимат-ул ҳаёт” B) “Фотиҳат-уш шубоб”
C) “Нафоҳот-ул унс” D) “Воситат – ул икд”

**16.** Муаллифи тазкираи “Музокир-ул асҳоб”ро муайян кунед?
A) Шавкати Бухороӣ B) Тошхоҷа Асирӣ
C) Мирзо Сироҷи Ҳаким D) Малеҳои Самарқандӣ

**17.** Аъзоҳои истисноии ҷумла чанд хел мешаванд?
A) 2 хел: содда ва мураккаб B) 2 хел: таркибӣ ва мураккаб
C) 2 хел: баёнияи истисноӣ, аъзоҳои истисноӣ эзоҳӣ D) 1 хел: содда

**18.** Аз ҷумлаи зерин баёнияи истисноиро ёбед. Ошноям – Ҷӯра Холдоров гапҳояшро тамом накарда гиря карда фиристод (Ҳ.К).
A) Ошноям B) Тамом кард C) Ҷӯра Холдоров D) Гиря карда фиристод

**19.** Ҷумлаи мураккаби пайвасти хилофиро муайян кунед.
A) Номи ман Гуландом аст, аммо падарам ба ман Зебо ном ниҳода будаанд.
B) Ё маро бубар ба хона, ё биё ба хонаи ман.
C) Борон борид ва замин лой шуд.
D) Модарам нони гарм пухт.

**20.** Аз ҷумлаи зерин сарҷумларо муайян кунед. Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд.
A) Ман хеле афсӯс мехӯрам B) Ҷанҷол яктарафа нашуд
C) Яктарафа нашуд D) Афсӯс мехурам,ки

**Қисми 3. Ҳар як савол 2,6 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**21.** Асарҳои бо наср навиштаи Бедилро муайян кунед.
A) “Чор унсур”, “Руқаъот”, “Нуқот” B) “Тилисми ҳайрат”, “Чор унсур”
C) “Нуқот”, “Руқаъот”, “Тӯри маърифат” D) “Нуқот”, “Комде ва Мадам”

**22.** Асарҳои ба Аҳмади Дониш тааллуқдоштаро муайян кунед.
A) “Рисолаи таърихӣ”, “Бадоеъ-ул вақоеъ”
B) “Рисолаи таърихӣ”, “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”
C) “Саёҳатнома”, “Рисолаи таърихӣ”, “Наводир-ул вақоеъ”
D) “Наводир-ул вақоеъ”, “Рисолаи таърихӣ”

**23.** Ҷумлаи зерин ба кадом намуди ҷумлаҳои яктаркиба мансуб аст. Мардумро ба гуфтор шиносанд.
A) Бешахс B) Умумишахс C) Номуайяншахс D) Муайяншахс



DEPARTAMENT

**24.** Нахустин маротиба девони ашъори Нақибхон Туғрал кай дар куҷо чоп карда мешавад?
A) 1916 дар Когон бо номи “Девони Туғрали Аҳрорӣ”
B) Соли 1920 дар Душанбе бо номи “Ашъори мунтахаб”
C) Соли 1916 дар Душанбе бо номи “Гиёҳи меҳр”
D) Соли 1986 бо номи “Ашъори мунтахаб”

**25.** Олими Эрон Саид Нафисӣ ба кадом асари Садриддин Айнӣ чунин баҳо дода буд. “Барои ҳар як касе, ки дар адабиёти форсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад”.
A) “Ёддоштҳо” B) “Дохунда” C) “Намунаи адабиёти тоҷик” D) “Ғуломон”

**26.** Асарҳои Турсунзодаро муайян кунед.
A) “Байроқи зафар”, “Ҷони ширин”, “Писари Ватан”
B) “Ҷони ширин”, “Писари Ватан”, “Гули бодом”
C) “Ҷони ширин”, “Гулбадан”, “Байрақи сурх”
D) “Ҳасани аробакаш”, “Ҷони ширин”, “Китобҳои шаҳид”

**27.** Ҷумлаҳои мураккаб аз рӯи иштироки пайвандакҳо чанд хел мешаванд?
A) 2 хел B) 3 хел C) 4 хел D) 5 хел

**28.** Ҷумлаи мураккабе, ки барои ифодаи фикри умумӣ аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав тавассути алоқаи тобеъ ташкил ёфтааст, чӣ ном дорад?
A) Ҷумлаи мураккаби пайваст
B) Ҷумлаи мураккаби пайвасти мубтадо
C) Ҷумлаи мураккаби тобеъ
D) Ҷумлаи мураккаби баробарҳуқуқ

**29.** Ҷумлаи зерин ба кадом хели ҷумлаи пайрав мансуб аст. Ҳаркӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад.
A) Ҷумлаи пайравӣ ҳол B) Ҷумлаи пайрави хабар
C) Ҷумлаи пайави пуркунанда D) Ҷумлаи пайрави мубтадо

**30.** Аввалин асари насрии Садриддин Айнӣ кадом аст?
A) “Одина” B) “Ғуломон” C) “Дохунда” D) “Ҷаллодони Бухоро”

DEPARTAMENT

**Қисми 1. Ҳар як савол 0,9 бал баҳогузоӣ карда мешавад**.

**1.** Калимаҳое, ки шаклан як, вале маънои гуногунро ифода мекунанд, чӣ ном дорад?
A) Омоним B) Синоним C) Антоним D) Пароним

**2.** Қофияи байтро ёбед.
Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
A) мардӣ, амирӣ B) амирӣ, нагирӣ
C) нагирӣ, мардӣ D) амирӣ мардӣ, нагирӣ мардӣ.

**3.** Маснавии "Беҳрӯзу Баҳром" чӣ гуна асар аст?
A) ишқӣ B) Иҷтимоӣ C) Ахлоқӣ D) ватанпарварӣ

**4.** Кадом ҳарфҳо дар баъзе калимаҳо равшан, ё тамоман талаффуз намешаванд?
A) б, в, к; B) к-г-р C) д -т-ҳ D) з,ж,и

**5.** Кадоме аз ин шоирон соли 1485 дар шаҳри Ҳирот таваллуд шудааст?
A) Восифӣ B) Биноӣ C) Ҷомӣ D) Навоӣ

**6.** Кадоме аз ин ҳарфҳо ётбасаранд?
A) а, о, у, э, и B) я, ю, ё, е C) и, й, э, ӣ D) а, б, в, г

**7.** Тарзҳои феълро ёбед.
A) Мутлоқ ва давомдор B) монда ва гузаранда
C) фоилӣ ва мафъулӣ D) бавосита ва бевосита

**8.** Дар вазни шеър ҳиҷоҳои дароз кадомҳоянд ва бо чӣ гуна аломат ишорат карда мешаванд?
A) а, и, у – аломаташ V B) о, и, ӯ – аломаташ –
C) а, и, у – аломаташ -- D) о, и , ӯ – аломаташ V

**9.** Кадоме аз ин асарҳо ба қалами Кайковус тааллуқ дошта ба писараш Гелоншоҳ бахшида шудааст?
A) "Офариннома" B) "Синдбоднома"
C) "Калила ва Димна" D) "Қобуснома"

**10.** Кадом намуди сиғаи феъл ба вуқӯъ омадан ё наомадани амалро дар замонҳои феъл ифода мекунад?
A) сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ B) эҳтимолӣ C) амрӣ D) хабарӣ

**Қисми 2. Ҳар як савол 1,5 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**11.** Хабари кадом ҷумлаи соддаи яктаркиба ба воситаи бандакҳои феълии шахси сеюми ҷамъ ифода меёбад?
A) Номуайяншахс B) Муайяншахс C) Умумшахс D) Бешахс

**12.** Маснавии "Махзан – ул асрор" ба қалами ки тааллуқ дорад?
A) Ҷомӣ B) Навоӣ C) Низомӣ D) Хусрави Деҳлавӣ

**13.** Аз ҷумлаҳои зерин ҳоли мақсадро ёбед.
A) Рӯзи чаҳорум барои ҳолпурсӣ ба назди Хуррам омадам.
B) Одамони маҳалла аз шодӣ ба ҷомаи худ намеғунҷиданд
C) Дар берун ҳаво равшан шуда меомад.

DEPARTAMENT

D) Он рӯз ман хурсанд будам.

**14.** Асарҳои “Фиҳ-мо-фиҳ”, ва “Макотиб” ба қалами кӣ мансуб аст?
A) Шамси Табрезӣ B) Саноӣ C) Румӣ D) Абдуллоҳи Ансорӣ

**15.** Аъзои пайрави ҷумла, ки предметро ифода карда, таъсири ҳаракат ва амали ҷумла ба он равона карда шудааст, чӣ ном дорад?
A) Пуркунанда B) Муайянкунанда C) Баёния D) Ҳол

**16.** Куллиёти Ҷомӣ аз тарафи дӯстонаш кадом сол тартиб дода шудааст?
A) 1503 B) 1500 C) 1492 D) 1495

**17.** Кадоме аз ин шоирон маҷмӯаи шеърҳои “Савтҳои форсӣ”и Есенинро бо тоҷикӣ тарҷима кардааст?
A) Бозор Собир B) Лоиқ Шералӣ C) Мӯъмин Қаноат D) Ҳабиб Юсуфӣ

**18.** Калимаҳои адабӣ – китобии пуробуранги муассир бештар дар кадом услуб корбаст мешаванд?
A) дар услуби гуфтугӯӣ B) дар услуби илмӣ
C) дар услуби расмӣ – коргузорӣ D) дар услуби бадеӣ

**19.** Услуби илмӣ ба кадом шохаҳо ҷудо мешаванд?
A) 2 шоха: илмӣ, бадеӣ B) 2 шоха: илмҳои табиӣ дақиқ ва иҷтимоӣ
C) 2 шоха: илмҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ D) 2 шоха: таърихӣ ва иҷтимоӣ

**20.** Намунаи аввалини осори драмматургии Сотим Улуғзода кадом аст?
A) “Шодмон” B) “Калтакдорони сурх”
C) “Рӯдакӣ” D) “Лашкар ба дарвозаи Бухоро”

**Қисми 3. Ҳар як савол 2,6 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**21.** Ҷумлаҳое, ки дар онҳо мубтадо нест ва онро аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмида намешавад, чӣ гуна ҷумлаҳо ба ҳисоб меравад?
A) Ҷумлаҳои номуайяншахс B) Ҷумлаҳои бешахс
C) Ҷумлаҳои умумшахс D) Ҷумлаҳои унвонӣ

**22.** Кадоме аз ин драммаҳо ба ҳаёти Аҳмади Дониш бахшида шудааст?
A) “Қисмати шоир” B) “Алломаи Адҳам ва дигарон”
C) “Пири ҳакимони машриқзамин” D) “Калтакдорони сурх”

**23.** Кадоме аз ин нависандаҳо 10 – июни соли 2008 дар шаҳри Нюремберги Германия вафот мекунад?
A) Чингиз Айтматов B) Сотим Улуғзода
C) Марк Твен D) Ҷек Лондон

**24.** Калимаҳои таркиби луғавии забони миллӣ ва адабиро аз рӯи обуранги услубӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
A) 4 гурӯҳ B) 3 гурӯҳ C) 2 гурӯҳ D) 1 гурӯҳ

**25.** Кадоме аз ин асарҳо дар пайравии “Махзан-ул асрор”и Низомӣ навишта шудааст?
A) “Сабҳат-ул – аброр”и Ҷомӣ
B) “Матлаъ-ул-анвор”и Хусрави Деҳлавӣ
C) “Тӯҳфат – ул аҳрор”и Абдураҳмони Ҷомӣ



DEPARTAMENT

D) “Ҳайрат – ул аброр”и Алишер Навоӣ

**26.** Кадом маснавии Ҳилолӣ аз 26 боб иборат буда, зиёда аз 2400 мисраъро дар бар мегирад?
A) “Шоҳу дарвеш” B) “Лайлӣ ва Маҷнун”
C) “Махзан-ул асрор” D) “Сифот-ул ошиқин”

**27.** Ҷумлаи пайрави хабарро муайян кунед.
A) Хуб шудааст, ки барои хондан омадааст.
B) Шарт нест, ки ин корро худат кунӣ
C) Ягона фазилати ӯ ин буд, ки ӯ одами содда, камгап, хандонрӯй ва гапбардор буд.
D) Маро модарандарам бад медид.

**28.** Маҷмӯаи осори нависандаи турк Азиз Несин “Мактубҳо аз он дун ё”ро кадом адиб тарҷима кардааст?
A) Адаш Истад B) Фазлиддин Муҳаммадиев C) Сотим Улуғзода D) Ӯрун Кӯҳзод

**29.** Маҷмӯаҳои “Оташбарг”, “Мижгони шаб”, “Бо чамидан, бо чашидан” ба қалами кадом шоир таалluқ дорад?
A) Лоиқ Шералӣ B) Бозор Собир C) Гулрухор D) Мӯъмин Қаноат

**30.** Ҷумлаи пайраве, ки амалу ҳолати сарҷумларо ба таври қиёс ё монандкунӣ шарҳ дода ба саволҳои чӣ тавр? Чӣ хел? Ҷавоб мешавад чӣ ном дорад?
A) Ҷумлаи пайрави монандӣ B) Ҷумлаи пайрави сабаб
C) Ҷумлаи пайрави тарзи амал D) Ҷумлаи пайрави натиҷа

DEPARTAMENT

**Қисми 1: Ҳар як савол 0, 9 бал баҳо дода мешавад.**

**1.** Калимаҳои таърихиро муайян кунед:
A) Бехӣ, зардак, қилиқ, най, бийи
B) Баққол, қитти, бехӣ, пархош
C) Қозӣ, миршаб, амлокдор, корвонбошӣ
D) Хасм(душман, адӯ), гурд (паҳлавон), сила(инъом)

**2.** Чӣ гуна сухан пухта ва писандида аст?
A) Рангин B) Душиза C) Дурафшон D) Сабз

**3.** Хели ҷонишинҳоро муайян кунед:
Хешро мехонам акнун боз дар оғуши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае ба гӯши ӯ. ( Мирзо Турсунзода)
A) Номуайянӣ, шахсӣ B) Таъинӣ, шахсӣ
C) Манфӣ,шахсӣ D) Нафсӣ- таъкидӣ, шахсӣ

**4.** Дар байти мазкур кадом хели ҷумлаи пайрав иштирок кардааст:
Дӯст он аст, ки маъиби дӯст,
Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд. ( Саъдии Шерозӣ)
A) Мубтадо B) Хабар C) Муайянкунанда D) Пуркунанда

**5.** Кадом адиб суханвариро “ нахустин падида” ва офаридаи Худованди бузург донистааст?
A) Саъдии Шерози B) Низомии Ганҷави
C) Абулқосим Фирдавси D) Абдураҳмони Ҷомий

**6.** Кадом шоирро “Сарояндаи покдин” номидаанд?
A) Абӯшакури Балхи B) Абуабдулоҳи Рӯдаки
C) Абдураҳмони Чоми D) Унсурулмаолии Кайковус

**7.** Ҳангоми риоя накардани мақоми овозӣ дар талаффузи баъзе овозҳо ғалатҳо содир мегарданд, ки онҳо боиси костани чӣ мегардад?
A) Офариниши сухан B) Сухани ороста
C) Ҳусни баён D) Калимаҳои ҳамнишин

**8.** Хабари кадом чумлаҳо бо чузъи номи - масдар ва калимаҳои модали ифода меёбад?
A) Номуайяншахс B) Бешахс C) Унвони D) Умумишахс

**9.** Жанрҳои публитсистика кадомҳоянд?
A) Драма, опера, киносенария, либретто B) Латифа, новелла, мусоҳиба, лавҳа
C) Памфлет, мусоҳиба, очерк, фелетон D) Фард, дубайтӣ, репортаж, қассида

**10.** Охирин шеъри Ҳабиб Юсуфи чи ном дорад?
A) ” Сатрҳои нотамом” B) “Ватан”
C) ”Лаҳзаи хурсандии ман” D) “ Насими шӯх мевазад”

**Қисми 2: Ҳар як савол 1,5 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**11.** Кадом аъзои ҷумла ҳангоми чида шудан амал, ҳолат ва ё аломатҳои гуногуни як мубтадо ва гоҳо якчанд мубтадоро дар яке аз замонҳо ва ё дар замонҳои гуногун нишон медиҳад?
A) Муайянкунанда B) Хабар C) Ҳол D) Пуркунанда



DEPARTAMENT

**12.** Калима, таркиб ва ибораҳое, ки барои шарҳу баёни мазмуни калима, ибора ва мазмуни умумии як қисм ё тамоми ҷумлаи асосӣ хизмат мекунад, чӣ ном дорад?
A) Аъзоҳои истисноӣ B) Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ
C) Баёнияи истисноӣ D) Воҳидҳои тавзеҳӣ

**13.** Дар бораи донандаи илми мусиқи будани Ҳилоли ки маълумот додааст?
A) Заҳириддин Муҳаммад Бобур дар "Бобурнома"
B) Дарвешалии Чанги дар "Тӯҳфат-ус-сурур"
C) Соммирзо дар "Тӯҳфаи Сомӣ"
D) Зайниддин Маҳмуди Восифи дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ

**14.** Хели ҳиссачаҳои мана, -ку, -дия, э –ро муайян кунед.
A) Тасдиқӣ B) Таъкидӣ C) Маҳдудӣ D) Қувватдиҳанда

**15.** Воситаҳои калимасозу шаклсоз ва ифодагари маънои дастурии ҳиссаҳои нутқ, ки хусусияти ҳаммаънои зоҳир карда, ҳамвазифа гардидаанд, ба кадом хели муродиф мансубанд?
A) Наҳви B) Сарфи C) Луғави D) Ибораги

**16.** Ба ашъори давраи ҷангии Лоҳути кадом адабиётшинос чунин баҳо додааст:" Ҷамъбасти амиқи умумиинсони мавқеи бештар пайдо карданд".
A) Раҳим Ҳошим B) Муҳаммадҷон Шакури
C) Атахон Сайфуллоев D) Муъмин Қаноат

**17.** Маънои луғавии калимаи " Қумош" – ро ёбед
A) Газвори, абрешими, шоҳӣ B) Даромад, воридот
C) Таҳқиқ, тақсим D) Тасаввуршаванда, қобили дарк

**18.** Нахустин ҳикояи Чоршанбеи Деҳнави, ки дар замони мактабхониаш эҷод карда буд, чи ном дорад?
A) "Шабе, ки осмон фурӯ рафт" B) "Пайҳои гумшуда"
C) "Ман дар хона нестам" D) "Талоши зиндаги"

**19.** Аввалин шеъри Ҷонибек Қувноқ чи ном дорад?
A) "Навсафар" B) "Розҳо" C) "Қарз" D) "Модарам"

**20.** Мухтору Зайнаб қаҳрамони кадом асари Ҷалол Икроми аст?
A) "Ситора" B) "Ман гунаҳкорам"
C) "Тори анкабут" D) " Зоғҳои бадмур"

**Қисми 3. Ҳар як савол 2,6 бал баҳогузорӣ карда мешавад.**

**21.** Кадом маснавии Ҷоми аз муқаддима, қисматҳои анъанави, чил фасл ва хотима таркиб ёфтааст?
A) "Силсилат- уз- заҳаб" B) "Сабҳат-ул-аброр"
C) "Тӯҳфат -ул - аҳрор" D) "Саломон ва Абсол"

**22.** Хели ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаро ёбед:
Агар яке аз ин одамонро, ки дуздии мутаваллиро тафтиш кардан мехоҳанд, ба болои иморат монанд, даҳ баробари мутавалли дузди мекунад.
A) Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаи пайрави ҷида
B) Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаи пайрави ғайриҷида

C) Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дарача
D) Ҷумлаи сертаркиби омехта

**23.** Бедил дар кадом асараш манзараҳои зебои кӯҳистони Байротро тасвир кардааст?
A) ”Тилисми ҳайрат” B) ”Муҳити аъзам”
C) “Тӯри маърифат” D) ”Ирфон”

**24.** Сино асари машҳури худ “Донишнома” -ро ба ки мебахшад?
A) Ҳокими Ҳамадон- Самоуддавла B) Ҳокими Ғазна - Султон Маҳмуд
C) Ҳокими Исфаҳон - Алоуддавла D) Писари Султон Маҳмуд- Султон Масъуд

**25.** Муаллифи байти зеринро муайан кунед:
Ҳар ки з- омӯхтан надорад нанг,
Гул барорад зи хору лаъл аз санг.
A) Абӯшакури Балхи B) Абдураҳмони Ҷоми
C) Низомии Ганҷави D) Абулқосим Фирдавси

**26.** Дар Қобуснома аз ашъори кадом шоирон истифода шудааст?
A) Абӯшакури Балхи, Асҷади, Қамарии Гургони, Фаррухи ва шеърҳои худи муаллиф
B) Шаҳиди Балхи, Манучеҳри, Абӯабдуллоҳ Рӯдаки ва шеърҳои худи муаллиф
C) Саъдии Шерози, Салмони Совачи, Хоҷуи Кирмони, Камоли Хуҷанди ва шеърҳои худи муаллиф
D) Нозими Ҳирави, Фаррухи, Робияи Балхи, Шаҳиди Балхи

**27.** Дар кадом асари Убайди Зокони фикрҳо дар шакли масал, мақол баён шудаанд?
A) ”Сад панд” B) “Даҳ фасл” C) ” Ахлоқ-ул- ашроф” D) “Ушшоқнома”

**28.** Асари “Қизбола ё худ Холида” -и Садриддин Айниро, ки аз си боб иборат буда соли 1922 таълиф шудааст, ки ба забони тоҷики тарҷума кардааст?
A) Абдулҳай Маҳмадаминов B) Муҳиддин Аминзода
C) Абдураҳмон Саид D) Абдулло Зокир

**29.** Дар ин услуб матлаб бо ифодаҳои образнок ва ҷумлаҳои содда баён мегардад, ғояву афкори ҷамъиятию сиёси ва табасути услуби мазкур баён мешавад. Ин кадом услуб аст?
A) Расми-коргузори B) Публисисти C) Илми D) бадеи

**30.** Дар ғазали “Дарахти дӯсти биншон...”- и Ҳофизи Шерози калимаи “Чаман” киноя аз чист?
A) Ҷавони B) Инсон C) Духтари зебо D) Рӯзгор

DEPARTAMENT